## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)**.

**Мутобқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм**

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқат мекунад: 1. Коркарди проблемаҳои илми идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои мавзуӣ ва байнифаннии идоракунӣ. 19. Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва густариши кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии сатҳи касбӣ-вазифавӣ ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Методҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ. 20. Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун намуди вижаи фаъолияти касбӣ: мақсад, усул (принсипҳо), таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилот. Салоҳиятнокии ҳайати шахсӣ ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайати шахсӣ. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайати шахсӣ.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия**

Гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар ҷаҳони муосири босуръат тағйирёбанда вазифаи муҳим ва таъхирнопазир мебошад, ки ба мо имкон медиҳад, то дар бораи аҳамияти ниҳоят муҳими омӯзиши омилҳои инсоние, ки ин дигаргуниро ба таври комил таъмин мекунанд, сухан ронем. Дар шароити рақамикунонӣ ва рушди инноватсионии иқтисодиёт рақобатпазирии низоми муосири иҷтимоию иқтисодӣ ба истифодаи оқилонаи сармояи зеҳнии он ва идоракунии самараноки иқтидорҳои инноватсионии инсон асос меёбад, ки дониш, малака ва маҳорати кормандони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакатро дар баробари сармояи созанда ташаккул медиҳад. Тавассути ташаккули

равандҳои наве, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва ҷузъи рақамикунонии он ба вуҷуд омадаанд, падидаҳои сифатан нав ба вуҷуд меоянд, ки бо таълиму тарбия, истифодаи самаранок ва рушди неруи инсонӣ ногусастанӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки дар тӯли соҳибистиқлолии мамлакатамон ин масъала дар маркази таваҷҷӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои марбут қарор гирфта дар ин муддат санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, консепсия ва барномаҳои соҳавӣ қабул ва амалӣ гардида истодаанд.

Аз дигар ҷониб бояд гуфт, ки дар айни замон таъмини рушди иқтисодиёти мамлакат асосан аз руи сатҳу сифат ва дараҷаи зиндагонии аҳолӣ муайян карда мешавад. Инро тавассути ҷорӣ намудани неруи инсонӣ ҳамчун омили муайянкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба даст овардан мумкин аст. Вале бояд эътироф кард, ки масъалаи идоракунии сармояи инсонӣ то ҳанӯз омӯзиши амиқро тақозо дорад, ки онҳо дар маҷудияти сатҳи бекорӣ, то андозае паст будани дараҷаи тайёр кардани кадрҳо, давомнокии умр, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва ғайра зоҳир мешаванд. Бояд гуфт ки сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли ин масъала ниҳоят бузург аст. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар тули соҳибистиқлолии кишвар ддастовардҳои назаррас дар ин самт дида мешавад, аммо дар баробари ин дар ин ҷо дарёфти роҳҳои алтернативии ҳалли ин проблема низ метавонад таъсири худро расонад.

Аз ин ҷиҳат дар иқтисодиёти давраи гузариш масъалаи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионӣ муҳимият ва аҳамияти амалии мавзуи таҳқиқотро муайян мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Аз таҳлили кори диссертатсионӣ бармеояд, ки муаллиф ҳадафи таҳқиқотро муқаррар ва барои ба ҳадаф расидан вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд. Вобаста ба муҳиммияти таҳқиқот дар диссертатсия объекти таҳқиқот мавзӯъ, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд. Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро назариёти таҳиянамудаи олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, стратегияву барномаҳо ва дигар асноди меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионӣ, инчунин натиҷаи таҳқиқотҳои монографӣ ва интишоротҳои илмӣ вобаста ба мавзуи

таҳқиқот ташкил медиҳад. Ҳангоми таҳқиқот мавриди коркард ва таҳлилу хулосабарориҳо муаллиф аз методҳои мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, сотсиологӣ, анализу синтез, иқтисодию оморӣ ва ғайра истифода намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснокгардонии ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ ва методологии такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ифода меёбад. Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, чунинанд:

1. Дар диссертатсия ғояҳои илми иқтисодӣ ва сарчашмаҳои асосии равишҳои консептуалӣ-назариявии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки ҷомеаи муосир ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёт ҳаракат мекунад ва қувваи пешбарандаи онро сармояи инсонӣ (бунёди донишҳои нави иқтисодӣ, самаранок истифодабарию идоракунии онҳо) ташкил менамояд. Инчунин, дар диссертатсия назарияҳои муҳаққиқон ва коршиносони соҳа ба инобат гирифта шуда, фаҳмиши муаллифии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он пешниҳод карда шудааст. Мувофиқ ба дарку фаҳмиши муаллифи диссертатсия, сармояи инсонӣ маҷмуи қобилиятҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, иқтидорҳо, сармояҳо, саломатӣ, ҳаракатҳо, ҳавасмандиҳо, кӯшишҳо ва ояндабиниҳо ба фаъолият дониста мешавад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт сармояи асосии инсони комил ба ҳисоб меравад. Ин сармояи бузург ояндаи шахс, оила ва ҷамъиятро нишон медиҳад. Унсурҳои асосии сармояи инсонӣ: иқтидори инсонӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, сатҳи саломатӣ, қувваи ҷисмонӣ, қобилиятҳои модарзодӣ, донишҳои касбӣ тахассусӣ, иқтидори соҳибкорӣ, сатҳи ҳавасмандӣ, моликияти зеҳнӣ, сармояи оилавӣ, таҷрибаи истеҳсолӣ ва маҳорати ташкилӣ дониста мешаванд.

2. Воситаҳо, усулҳо, ниҳодҳо, сарчашмаҳо ва доираҳои рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ вобаста ба инобатгирии талаботҳои иҷтимоию инноватсионии иқтисодиёти муосир муайян карда шудаанд. Ҳангоми таҳқиқ ошкор гардидааст, ки ташаккулёбии сармояи инсониро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ниҳодҳои асосии он таъмин намуда, талаботҳои инноватсионии иқтисодиёти муосир . онро раҳандозӣ менамояд. Иқтисодиёти муосир ба донишҳои мутахассисони тахассусманд, эҷодкор ва кашфиётҳои онҳо такя менамояд. Аз ин нуқтаи

назар, собит карда шудааст, ки фикрронӣ, навоварӣ, ҷоринамоӣ, назоратнамоӣ ва фоидагирӣ марҳалаҳои асосии ин иқтисодиёт дониста мешаванд.

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ таҳқиқ гардида, истифодабарии усулҳои арзёбии сифатии он муайян карда шудаанд. Асоснок гардидааст, ки маҷмуи донишҳои муосир, қобилият, малака ва таҷрибаи андӯхташуда, на танҳо омили бавуҷудоваранда, балки идоракунанда ва истифодабарандаи самараноки онҳо дониста мешавад. Маълумотнокӣ ҳамчун ҷузъи сармояи инсонӣ дониста шуда, хусусиятҳои хоси он пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, қайд гардидааст, ки аз худ намудани донишҳои муосир боиси боз ҳам саҳеҳтар гардидани нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт мегардад.

4. Дар раванди таҳқиқ таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир баррасӣ гардида, муайян карда шуд, ки маълумотнокии инсон, бахусус маълумоти олии касбӣ, ки бештар ба раванди истеҳсолот наздикӣ дорад, дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши муассир дорад. Рушду тавсеаи иқтисодиётро сармояи инсонии ташаккулёфта таъмин намуда, боиси самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва истеҳсоли молу маҳсулоти босифат мегардад. Ҳамзамон, дар диссертатсия равиши муосиртарини омоданамоии мутахассисонро вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва ҳамбастагии он бо талаботҳои истеъмолии аҳолӣ пешниҳод гардидааст.

5. Омӯзиши тамоюли рушди иқтидори кадрӣ ва таҳлили омилҳою унсурҳои самаранок истифодабарии он дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат пешниҳод карда шудаанд. Ҳамин тариқ, муайян карда шуд, ки робитаи мустақим байни низоми маориф, илм ва раванди истеҳсолот дар як низоми муайяни инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, омоданамоии мутахассисони дорои дониши муосирро талаб менамояд. Барои ин пешниҳод карда мешавад, ки омоданамоии мутахассисон дар ин шароит мувофиқ ба талаботи замон ба роҳ монда шавад.

6. Дар диссертатсия омӯзишу аз худ намудани таҷрибаи хориҷӣ оид ба рушду такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти муосир муҳим арзёбӣ гардидааст. Истифодаи таҷриба,

таҳлил, таҳқиқ ва баррасии он яке аз меъёрҳои иҷрои корҳои таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи пешқадам яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафи гузошташуда маҳсуб меёбад. Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ нисбат ба дигар сармоягузориҳо манфиати бештар ба бор меорад. Дар иртибот ба и́н, яке аз роҳҳои расидан ба рушди комили иқтисодӣ дар доштани мутахассисони халлоқ ва эҷодкор дониста мешавад. Вобаста ба ин пешниҳод карда мешавад, ки таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон аз худ карда шуда, истифодаи яке аз ин таҷрибаҳо оид ба рушди сармояи инсонӣ ба манфиати ҷомеа хоҳад буд.

7. Риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон таҳқиқ карда шуда, зимнан муайян карда шуд, ки вобаста ба рушди босуръати техникаю технологияҳо ва тағйир ёфтани талаботҳои истеъмолии аҳолӣ зиёда аз 50 фисади касбҳо нуфузу эътибори худро аз даст дода, шакли навро гирифтаанд ва ё умуман аз байн рафтаанд. Тибқи пешгӯиҳо, дар баробари гузаштан ба силсилаи нави технологӣ риштаҳои амалкунанда то соли 2050-ум пурра шакли муосирро мегиранд. Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки ин таҳдидҳо ба инобат гирифта шуда, рушду такомули сармояи инсонӣ мувофиқ ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва дурнамои рушди иқтисодиёт таъмин карда шаванд.

8. Вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва зиндагонии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, муайян карда шуд, ки дониш ба унвони неруи асосии сармояи инсонӣ ва тавлидкунандаи идеяҳои инноватсионӣ арзёбӣ мегардад. Идеяҳои инноватсионӣ боиси рушду тавсеаи иқтисодиёти муосир гардида, барои ба даст овардани даромад, таъмин шудан бо ҷойи кор ва беҳтар гардидани сатҳи зисту зиндагонӣ мусоидат мекунад. Пешниҳод карда мешавад, ки раванди мазкур дуруст таҳлилу арзёбӣ карда шуда, ба навоварӣ, эҷодкорӣ, ихтироот ва аз ҳама муҳим ба масъалаи роҳандозии истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

9. Дар диссертатсия самтҳои муосири рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ вобаста ба дигаргуншавии муносибатҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт асоснок гардида, муайян карда шуд, ки рушди устувори иқтисодиёт бо рушди сармояи инсонӣ, таъмини шуғли самаранок ва ташаккули рақобатпазирии истеҳсолот алоқамандии зич

дорад. Самтҳои асосии рушд ва инкишофдиҳандаи сармояи инсонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар дуруст ба роҳ мондани низоми муосири таълимӣ, муҷаҳҳазгардонии муҳити таълимӣ ҳамчун асоси таҳсилоти босифат, азхудкунии муосиртарин донишҳо, ҳамбастагии ҷараёни таълим бо раванди истеҳсолот ва дигар фаъолиятҳо дониста мешавад. Вобаста ба ин, аз ҷониби муаллиф амсилаи кластери таълимӣ оид ба рушди сармояи инсонӣ пешниҳод гардидааст, ки он дарбаргирандаи рушди сармояи инсонӣ + таъмини шуғли самаранок + ташаккули рақобатпазирии истеҳсолотро фаро мегирад.

10. Хусусиятҳои хоси идоракунии стратегии кормандон дар асоси тағйирёбии моҳияти сармояи инсонӣ ва низомҳои муосири таълимӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, муайян карда шуд, ки идоракунии стратегии кормандон дар менеҷменти муосир вобаста ба шароитҳо ва тағйироту дигаргуниҳое, ки ҷараёни истеҳсолиро фаро гирифтаанд, мазмун ва мундариҷаи худро дигар карда, фаъолият намудан бо техникаю технологияи муосирро ҳамчун равиши навини омодасозии кадрҳои асри XXI талаб менамояд. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия таъминамоии кадрҳоро яке аз самтҳои асосии рушди менеҷменти муосир дониста, пешниҳод менамояд, ки механизми мотиватсионии таъминамоии кадрҳо яке аз муосиртарин роҳҳои таъмини корхона бо беҳтарин кормандон дониста мешавад. Вобаста ба хусусиятҳои хоси менеҷмент ва рушдёбии техникаю технологияҳои истеҳсолӣ, низоми таълимӣ бояд дар асоси муосиртарин амсилаҳои таълимӣ ба роҳ монда шавад.

Дар асоси омӯзишу баррасиҳо натиҷаҳо ва муқаррароти муайяншудаи илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд:

– тақвияти муқаррарот оид ба асосҳои назариявии сармояи инсонӣ, рушду такомули унсурҳои асосӣ ва аҳаммияти иҷтимоӣ-иқтисодии маълумотнокӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт кушода дода шудааст;

– воситаҳо, усулҳо, ниҳодҳо, сарчашмаҳо, доираҳо бо дарназардошти талаботҳои иҷтимоии сармояи инсонӣ ва ба инобат гирифтани талаботҳои асосии иқтисодиёти инноватсионӣ ошкор гардида, роҳҳои муосир ва ба ҷомеа зарур пешниҳод карда шудаанд;

– равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ ошкор гардида, усулҳои арзёбии сифатии он муайян карда шудаанд;

менеҷменти муосир муайян карда шуда, муҳиммияти он асоснок карда шудааст;

– тамоюли рушди иқтидори кадрӣ ва таҳлили омилҳою унсурҳои самаранок истифодабарии он дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ баррасӣ гардидааст;

– таҳлилҳо, баррасиҳо ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии сармояи инсонӣ вобаста ба шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт анҷом дода шудааст;

– риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон вобаста ба дигаргуншавии раванди кору фаъолиятҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт баррасӣ шудааст;

– вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаанд;

– самтҳои асосии рушду такомули сармояи инсонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба шароити имрӯзаи иқтисодиёт асоснок карда шудаанд;

– хусусиятҳои хоси идоракунии стратегии кормандон дар асоси тағйирёбии моҳияти сармояи инсонӣ асоснок карда шуда, муосиртарин низомҳои таълимӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Сохтори кори диссертатсионӣ** гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии онҳо тасдиқ мекунад, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои таҳлилии васеи масъараи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ва асосҳои назариявию методологии онро илман асоснок намояд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулосаю пешниҳодот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, матни асосии таҳқиқот дар 355 саҳифаи компютерӣ оварда шуда, фарогири 33 ҷадвал, 11 расм ва 12 диаграмма мебошад ва аз 318 номгӯйи рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Дар боби якум** «Асосҳои назариявӣ-консептуалии идоракунии сармояи инсонӣ» назарияи сармояи инсонӣ ва муҳтавою мундариҷаи он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёти муосир пурра шарҳ дода шуда, рушди идоракунии сармояи инсонӣ ва иқтисоди донишҳо дар менеҷменти касбии асри XXI баррасӣ шудааст.

Нуктаҳои ҷолибтарини ин боб таҳқиқи мафҳуми сармояи инсонӣ (Ҷадвали 1.1. саҳ. 29-30), сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он (расми 1. саҳ. 34), ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ вобаста ба талаботҳои инноватсионӣ (расми 2. саҳ. 38), ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи зеҳнии инсонӣ (расми 3. саҳ. 58), асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва инкишофи рақобатпазирии кормандон (расми 4. саҳ. 70) ва хулосаҳои дар натиҷаи мавриди омӯзиш қарордодаи муаллиф дар самти ҷанбаҳои назариявӣ-консептуалии идоракунии сармояи инсонӣ бадастомада (саҳ. 73-74) мебошанд.

**Дар боби дуюм** «Равишҳои методологӣ ва усулҳои арзёбии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт», методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ва равишҳои арзёбии он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт муайян, таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси такомулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир дониста шуда, хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи иқтисоди рақамӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф дар ин бобу зербобҳои он нишондиҳнадаҳои сармояи инсонӣ ва паҳлуҳои арзишӣ ва сифатии он (расми 5. саҳ. 77), консепсияи классикии сармояи инсонӣ, давраҳо ва маҳакҳои арзёбии он (ҷадвали 2.2. саҳ. 95), алоқамандии раванди таҳсилот, истеҳсолот, истеъмолот ва омилҳое, ки ба муносибати онҳо дар шароити иқтисодиёти муосир таъсир мерасонанд (расми 6. саҳ. 99), самтҳои саҳми таҳсилоти олӣ дар рушди ҷомеа (расми 7. саҳ. 103), нишондиҳандаҳои саҳми таҳсилоти олӣ дар ташаккули манфиатҳо (ҷадвалӣ 2.3. саҳ. 104-105), хусусиятҳои хос ва фарққунандаи иқтисоди рақамӣ (ҷадвали 2.4. саҳ. 112), ҷараёни омоданамоии кадрҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ (расми 8. саҳ. 121) мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

**Дар боби сеюм** «Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон оид ба самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ ва омоданамоии мутахассисон дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ», сармоягузорӣ ба маълумотгирӣ ҳамчун омили ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёти ҷаҳонӣ дониста шуда, арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷ оид ба рушди маълумотгирии касбӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт таҳқиқ шуда, риштаҳои муосири 22 омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон оварда шудааст. Нуктаҳои муҳимтарини ин бахши диссертатсия сарчашмаҳои

маблағгузорӣ барои таҳсилоти олӣ аз рӯйи кишварҳо, ки аз рӯйи ҳиссаи камшавии маблағгузории давлатӣ ва зиёдшавии бахши хусусии ғайридавлатӣ гурӯҳбандӣ шудаанд (ҷадвали 3.1. саҳ. 138), тағйирёбии сарчашмаи молиягузорӣ ба таҳсилоти олӣ дар байни давлатҳо аз рӯйи бахши буҷети давлатӣ ва бахши хусусии ғайритаълимӣ (диаграммаи 3.1. саҳ. 139), шохиси ҷаҳонии рушди инсонии 25 кишвари аввал дар радабандӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2023-юм (ҷадвали 3.2. саҳ. 145), шохиси сатҳи таҳсилот дар 25 кишвари аввал аз рӯйи радабандӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023 (ҷадвали 3.3. саҳ. 146), шохиси давомнокии миёнаи умр дар 25 кишвари аввал аз рӯйи радабандӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 (ҷадвали 3.4. саҳ. 147), рейтинги кишварҳо ва минтақаҳо аз рӯйи ММД ба ҳар сари аҳолӣ, дар соли 2023 (ҷадвали 3.5. саҳ. 149) ва хулосаҳои дар натиҷаи мавриди омӯзиш қарордодаи муаллиф дар самти таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон оид ба самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ ва омоданамоии мутахассисон дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ бадастомада (саҳ. 73-74) мебошанд.

**Дар боби чорум** «Таҳлили вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», вазъи маълумотгирии олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такомулёбии сармояи инсонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳолати бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт таҳлил гардида, сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии такомулёбии сармояи инсонӣ оварда шудааст. Муаллиф дар ин бобу зербобҳои он шумораи МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишҷӯёни онҳо дар солҳои хониши 2000-2001 ва 2023-2024 (ҷадвали 4.1. саҳ. 181), тағйирёби (динамика)-и шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳо дар солҳои хониши 2000-2001 ва 2023-2024 (ҷадвали 4.2. саҳ. 182), шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳо дар солҳои хониши 2000-2001-ум ва 2022-2023-юм (диаграммаи 4.1. саҳ. 184), тағйирёбии хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023 (ҷадвали 4.3. саҳ. 186), хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023-юм, нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (диаграммаи 4.2. саҳ. 187), шумораи донишҷӯёне, ки дар асоси шартнома вобаста ба

минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд аз рӯйи шакли таълим (ҷадвали 4.4. саҳ. 188), шумораи умумии донишҷӯёни МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо таври шартномавӣ ва ройгон таҳсил дошта, дар солҳои хониши 2000-2001-ум ва 2023-2024-ум (ҷадвали 4.5. саҳ. 189), Тағйирёбии шумораи умумии донишҷӯён дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои хониши 2000-2001-ум ва 2023-2024-ум, аз рӯйи шакли таҳсил (диаграммаи 4.3. саҳ. 190), хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм ва инноватсия, шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ ва шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (дар солҳои 2000-2023) (ҷадвали 4.6. саҳ. 191), такмили сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисоди муосир (ҷадвали 4.7. саҳ. 192), дурнамои нишондиҳандаҳои сармояи инсонӣ (ҷадвали 4.10. саҳ. 195), нишондиҳандаҳои воқеӣ ва дурнамои соҳаи таҳқиқот (диаграммаи 4.4. саҳ. 196), тағйирёбии аҳолии машғули кор аз рӯйи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2000-2023 (ҷадвали 4.11. саҳ. 200), тағйиёбии аҳолии машғули кор аз рӯйи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2000-2023 (ҷадвали 4.12. саҳ. 202), тағйирёбии нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатӣ ва тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2011-2023 (ҷадвали 4.13. саҳ. 204), аҳолии машғул дар иқтисодиёт ва тақсимоти онҳо вобаста ба бахшҳо дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2023 (диаграммаи 4.5. саҳ. 205), шумораи захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ ва дараҷаи бекорӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023 (ҷадвали 4.14. саҳ. 206), талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023 (ҷадвали 4.15. саҳ. 208), тақсимоти бекорон дар мақомоти шуғли аҳолӣ бақайдгирифташуда, аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ, дар сатҳи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва НТҶ (ҷадвали 4.16. саҳ. 210), тақсимоти шумораи кормандоне, ки дар соҳаҳои иқтисодиёт дар шароити номусоиди меҳнатӣ ба фаъолият машғуланд (ҷадвали 4.17. саҳ. 215), тағйирёбии ҷамъи даромади хар нафари аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо дар солҳои 2000-2023 (ҷадвали 4.18. саҳ. 219), истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо дар солҳои 2000-2023 (ҷадвали 4.19. саҳ. 221), тағйирёбии ҷамъи даромадҳо ва истифодаи онҳо ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои 2000-2023 (диаграммаи 4.8. саҳ. 222), тағйирёбии даромади пулӣ

ва хароҷотҳои пулию пасандозҳои аҳолӣ дар солҳои 2000-2023 (диаграммаи 4.9. саҳ. 224), тағйирёбии ММД, содироти мол, сармоягузориҳо ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар тӯли солҳои 2002-2023 (ҷадвали 4.21. саҳ. 229) мавриди таҳлил қарор додааст.

**Дар боби панҷум** «Самтҳои инкишофёбандаи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир», ба ҳайси самтҳои асосии инкишофёбандаи идоракунии сармояи инсонӣ рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ муайян шуда, такмилёбии идоранамоии стратегии кормандон дар менеҷменти муосири касбӣ пешкаш гардида, дигаргунсозии раванди таълим ва беҳсозии сифати таҳсилот дар ташаккули сармояи инсонӣ пешкаш гардидааст. Нуктаҳои муҳимтарини ин бахши диссертатсия низоми таҳсилоти бефосилаи касбӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (расми 9. саҳ. 250), модели кластери таълимӣ оид ба рушди сармояи инсонӣ (расми 10. саҳ. 255), механизмҳои мотиватсионии таъминамоии кадрҳо (расми 11. саҳ. 267), меъерҳои ғайрирасмии соҳибкорон-инноваторони машҳури ҷаҳонӣ (ҷадвали 5.1. саҳ. 273) мебошанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсеаҳое, ки аҳаммияти назариявӣ-амалӣ доранд, ҷамъбаст карда шудаанд.

**Асосокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Сохтори диссертатсия мантиқӣ буда, асосноккунии хулосаҳо ва таҳияи тавсияҳо ақидаҳои назариявӣ-методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва тавсияҳои амалӣ барои ҳалли ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот-такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир арзишманд мебошанд.

Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда, таҳлилу баррасии вазифаҳои гузшташуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди кофии натчаҳои таҳқиқот ва таъифоти муаллиф эътимоднокии натчаҳои таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба методологияи такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт барои дар амал тадбиқ намудани натчаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз

эътимоднокии натҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Хулосаи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифадаи амалии натиҷаҳо да асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои илмии кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ, конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 20 (Душанбе, 2006-2024), Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (Душанбе, 2023), Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Душанбе, 2016-2024), Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ (Кӯлоб, 2016-2023), конференсияҳои илмӣ-амалии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008-2024), конференсияҳои байналмилалии илмию амалии Пажӯҳишгоҳи илмӣ тадқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2010-2024), инчунин дар конференсияҳои байналмилалии берун аз худуди ҷумҳурӣ (2016-2019) баррасӣ ва тасдиқ шудаанд. Инчунин муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълим ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ, дастурҳо ва матни лексияҳо аз фанҳои «Идоракунии сармояи инсонӣ», «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», «Иқтисодиёти меҳнат», «Менеҷмент ва маркетинг», «Менеҷменти кадрӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Менеҷменти байналмилалӣ», «Назорати ҳайати кормандон», «Санъати роҳбарӣ» ва дигар фанҳо, ки донишҷӯён, магистрантҳо ва докторантҳо аз рӯйи ихтисосҳои PhD иқтисодӣ истифода мешаванд, ки бо санад аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтааст. Натиҷаи асосии амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи илмӣ таҳқиқотии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва дар амал татбиқ карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо**

**Аҳамияти илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ ба асоснокунии илмии асосҳои назариявӣ ва методологии такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир нигаронида шуда, таҳқиқ ва баррасиҳои илмӣ тадқиқотии муайянеро талаб менамояд. Дар диссертатсия муҳимияти рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ вобаста ба таҳавулотҳои баамаломада ва омадаистодаи ҷомеаи муосир шарҳу тавзеҳ дода шуда, чораандешиҳои илмию таҳқиқотиро дар

ячейкаҳои асосии рушдиҳандаи он, алалхусус дар муасисаҳои таълимӣ, ки ба раванди амалигардонии назарияҳои пайдогардида наздиктар аст, талаб менамояд. Аҳамияти илмии мавзуи мазкур серпаҳлу буда, таҳқиқотҳо ва хароҷотҳои зиёди молиявиро талаб менамояд.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми асоснокунии равишҳои муосиртарини рушду такомули сармояи инсонӣ метавонанд истифода баранд. Дар баробари ин, тавсияҳои мушаххаси аҳаммияти амалидоштаи таҳқиқотро ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди сармояи инсонӣ дар сохторҳои дахлдори соҳа метавон истифода бурд. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, ки аҳаммияти амалӣ доранд, ба такмили шаклу усулҳо, истифодабарӣ ва рушди сармояи инсонӣ мусоидат намуда, барои баланд бардоштани самаранок идора намудани он дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт мусоидат менамояд.

**Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки тавсияҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда, дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ва дигаргун гардидани доираи муносибатҳо аз манфиат холӣ набуда, барои ба даст овардани фоидаи бештар нигаронида шудаанд. Дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир, дар истеҳсоли моли маҳсулотҳо бештар фармоишҳои истеъмолкунандагон ба инобат гирифта шуда, мувофиқ ба фармоиши онҳо истеҳсол карда мешаванд. Тавсияҳои пешниҳодгардида, боиси рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити муосир гардаида, таъмини зиндагии шоистаро барои ҷомеа пешкаш менамоянд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

Дар амал тадбиқгардии натиҷаҳои бадастомада, аз самаранок идора шудани сармояи инсонӣ ва рушду ташаккулёбии онро мувофиқ ба дигаргуниҳои иқтисодӣ нишон дода, таъмини зиндагии шоистаро барои ҳар як аъзои ҷамъият пешкаш менамояд. Ин пешкашнамоиҳо бештар хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошта, дар самаранок истифодашавии иқтидори захираҳои инсонӣ таҷасум меёбад. Омода кардан, ба ҷои кор таъмин намудан ва доим такмил додани дониши кормандон, агар қисмате барои бадастоварии манфиатҳои ширкату корхонаҳо дониста шавад, аз ҷониби дигар рақобатпазирии онҳоро ба дигаргуншавии талаботҳои бозор мутобиқ намуда, даромади доимии онҳоро таъмин

менамояд. Аз ин нуктаи назар, доштани даромади доимӣ, боиси қонеънамоии талаботҳои иҷтимоии кормандон дониста мешавад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Мазмунун муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақола ва тезисҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ ва монографияҳо нашр гардида, аз 2 монография, 36 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ибора мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори "Низомномаи шурои диссертасионӣ" ва "Тартиби додани унвони илмӣ " (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он – мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуи илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаи асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шинсномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натҷаҳои диссертатсия, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми дисератсия ба таври кофӣ мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсияро инъикос менамояд ва асосҳои назариявӣ, илмию амалии корро ба таври мукаммал дар бар мегирад. Ҳамчунин, меъёрҳои муқарраргардидаи кори диссертатсионӣ вобаста ба ҳаҷм, тартиби ба расмият даровардани расмҳо ва ҷадвалҳо, нигориши феҳристи адабёт ҳангоми навиштани диссертатсия дуруст риоя када шудаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои "Низомномаи шурои диссертасионӣ" ва "Тартиби додани унвони илмӣ" аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо уарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионии Искандарзода Ҳофиз Ҳаким кори мустақилона ба итмомрасондашуда, дорои унсурҳои навгонӣ ва арзишҳои илмию амалӣ мебошад ва барои дар амал тадбиқ намудани натиҷаҳои он барои такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити

рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ба манфиати ҷомае мебошад. Диссертатсия бо лаҳни илмӣ, фаҳмо ва бо риояи талаботи забони давлатӣ, ислоҳоти қабулшуда навишта шудаст.

Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи довталаб ба мазмуни диссертатсия пурра мувофиқат мекунад. Маводи асосии дифоъ автореферат мебошад, ки ҷанбаҳои асосии мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд ва талаботҳои мавҷуда дар ин самт пурра риоя гардидаанд.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба онҳо дохил мегарданд:

1. Дар зерқисмати 1.1. агар таваҷҷӯҳи бештар ба ҷанбаҳои муосири назарияи сармояи инсонӣ, ки ба сохтори сарвати миллӣ дохил мешаванд, дода мешуд, навгонии кор ғанӣ мегардид.
2. Дар боби дуюм, зерқисмати аввал ҷанбаҳои методологӣ ва арзёбии сармояи инсонӣ шарҳу тавзеҳ дода шудааст, вале нуқтаи назари олимони ватанӣ камтар ба инобат гирифта шудааст.
3. Дар боби сеюм, таҷрибаҳои истифодашуда, хело хуб оварда шудаанд вале барои ҷумҳурии мо истифодаи кадоме аз ин таҷрибаҳо муфид аст, бо хусусиятҳояш оварда мешуд, боз ба кор ранги дигар мебахшид.
4. Зерқисмати 4.2 бозори меҳнат таҳлили хуб гирифтааст, бахусус тамоюли поёнравии бекорон, ки маълумоти олӣ доранд. Ба назари мо ин зерқисмат дар доираи ҳамгироии бозори таҳсилоти олии касбӣ ва сегменти бозори меҳнати баландихтисос такмил дода мешуд ба кор рангу ҷилои дигар мебахшид.
5. Зерқисмати 5.2. ба ҳадафи мавзуи таҳқиқот мувофиқ аст. Дар ин зерқисмат докторант роҳҳои мукамалкардонии идоракунии стратигиро дар доираи консепсия муосири менеҷмент асоснок намудааст. Агар беҳтар мебуд ҳамкориҳои доимии онҳо, яъне истеҳсолот бо таълимот дар доираи як низоми муайян шарҳ дода мешуд.

Бояд қайд намуд, ки нуқсону камбудиҳои ҷойдошта тавсиявӣ мебошанд ва ба мазуну мундариҷа, натиҷаи назариявӣ, методологию амалии диссертатсия таъсир намерасонад.

**Хулоса**

Кори диссертатсионии иҷрогардида аз нуқтаи назари коркарди илмӣ, мантиқӣ, амалиётҳои таҳлилӣ, баҳодиҳии ҳолатҳо, истифодаи методҳо, асосноксозии назарияҳо, натиҷаҳо дар сатҳи баланди назариявӣ

ва илмӣ-амалӣ иҷро гардидааст ва таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусиро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи "Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия" аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) ба итмом расонда шуда, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35"Тартиби додани унвони илмӣ", ки аз 30 июни соли 2021, № 267, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи менеҷмент,
маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А.А.

**Суроға**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон.
**E-mail:** menejment_08@mail.ru
Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 934-44-41-45

Дурустии имзои д.и.и., дотсент Мирзоалиев А.А.- ро
тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.
09.06.2025

**Суроғаи муассиса:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон.
**E-mail:** tguk.tj
Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 934-44-41-45